# Тақризи

муқарризи расмӣ ба рисолаи доктории Солеҳов Мирзо Одинаевич “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст (Душанбе, 2020. – 335 с.).

Дар таърихи адабиёти тоҷик зуҳури каломи ҳунарии манзуму мансури тасаввуфӣ-ирфонӣ марҳалаи нави таърихӣ буда, ҷаҳонбинию худшиносӣ ва тафаккури нави эҷодиро ба намоиш мегузорад. Каломи бадеии эҷодкорони ориф нигоҳи ҳунарӣ ба ирфон буда, он тарғибгари олитарин сифоту хислатҳои ҳамидаи инсон ва ҷомеа маърифат мешавад. Ин марҳалаи таърихӣ шакли нави каломи ҳунарии тафаккурсозро тавлид намудааст, ки он ба фаъолияти адабии Ҳаким Саноӣ сахт вобаста аст. Мавзӯи рисолаи доктории Солеҳов Мирзо Одинаевич таҳқиқи ҳамин проблемаро дар бар гирифтааст.

Аз назари сохтор диссертатсияи Солеҳов Мирзо аз муқаддима, се боб, нуҳ фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи осори марбути мавзӯъ иборат мебошад.

Дар муқаддимаи рисола муҳиммияти мавзӯъ шарҳ ёфта, вазифаҳои таҳқиқ мушаххас карда шудааст. Инчунин, сарчашмаҳо, асосҳои назариявӣ, ҷанбаҳои методию методологии таҳқиқ, натоиҷи ба дифоъ пешниҳодгардида мушаххас шудааст.

Боби нахустини рисолаи Солеҳов Мирзо “Заминаҳои зуҳури назми тасаввуфӣ” унвон дошта, дорои се фаслу ду зерфасл буда, муҳаққиқ дар ин боб ба омилҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, таърихӣ, мафкуравӣ баҳс ба миён оварда, тавъам бо он доир ба заминаҳои пайдоиши назми тасаввуфӣ ва анвои адабии марҳалаи оғозини он изҳори назар кардааст.

Муаллифи рисола аз ахбори сарчашмаҳои адабию таърихӣ, пажӯҳишҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, шарқию ғарбӣ фаровон кор

гирифта, дар интиҳои бобу фаслҳо хулосаҳои мушаххас пешниҳод намудааст.

Боби дуюми рисола "Марҳалаҳои асосии ташаккули назми тасаввуфии тоҷику форс" унвонгузорӣ шуда, аз ду фаслу ду зерфасл иборат мебошад.

Муҳтавои боби мазкурро пажӯҳиши ҳолати назми тасаввуфӣ то замони Ҳаким Саноӣ, нақши ин адиби ориф дар ташаккули каломи ҳунарии ирфонӣ, вале, пеш аз ҳама, наҳзати фикрӣ ё инқилоби ботинии Саноии Ғазнавӣ ва нуфузи ин ҷунбиши сиратӣ дар ашъори ин симои эҷодкор ташкил медиҳад.

Дар ин боб таъкид мешавад, ки оид ба ҷанбаҳои назарии ин ҷараёни фикрӣ ҳанӯз дар оғози марҳалаи классикии рушд осори фаровоне эҷод шудааст. Чунончи, аз Муҳаммад Ҳакими Тирмизӣ 126 асар, аз Мансури Ҳаллоҷ 50 асар, аз Абдурраҳмони Сулламӣ 30 ҷилд асар рӯйи кор омада будааст ва ғ.

Боби сеюми рисола "Навовариҳои Ҳаким Саноӣ дар шакл ва мундариҷаи назми тасаввуфӣ" ном дошта, муштамил бар панҷ фасл ва ду зерфасл аст. Фасли нахустини боби мазкур "Анвои назми тасаввуфӣ дар эҷодиёти Ҳаким Саноӣ" унвонгузорӣ гардидааст ва дар ин фасли рисола таъкид мешавад, ки: "Ҳаким Саноӣ дар ҳамаи жанрҳо эҷод кардааст, вале дар қасида, ғазал, рубоӣ ва, махсусан, маснавӣ дарунмояҳои бунёдӣ ва комилан нобу нодир ворид сохт, аз мазмуну муҳтавои қаблии ин жанрҳо ба ҷуз ном чизи дигареро ӯ ба мерос напазируфт" (саҳ. 161).

Воқеан, рисолатҳои баҷоовардаи аким Саноӣ дар анвои адабии фавқуззикр ба ягон тан аз адибони дигар даст надодааст. Зеро ӯ ғазалу қасида, қитъаву рубоиёт, маснавиҳои тасаввуфии фалсафӣ-ирофнӣ ва таълимӣ-ахлоқиро заминагузорӣ кард. Ҳамин тозакорҳои Ҳаким Саноиро ба инобат гирифта, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ ӯро халлоқулмаонии анвои адабии манзуми орифона гуфта, худро аз пайравони ин симои адабӣ эълон кардааст.

Дар фасли дуюми боби мазкур, ки “Навоварӣ дар мундариҷаи назми тасаввуфӣ” ном дорад, муҳаққиқ тозакориҳо ва навовариҳои Ҳаким Саноиро дар заминаи анъанаҳои мактаби адабии утсод Рӯдакӣ рабт медиҳад, ки ба назари мо, саҳеҳ ва илмӣ мебошад. Муҳаққиқ ин пайванди адабиро бо далелҳои мушаххас шарҳ дода, бузургиву тавоноии Рӯдакӣ ва асрори ҳунарии мактаби адабии ӯро таҳқиқ карда, имтидоди суннатҳои мактаби ин сухансарои сутургро аз ҷониби адибони ориф мавриди пажӯҳиш қарор медиҳад.

Дар фасли “Таъсири Саноии Ғазнавӣ дар таҳаввули баъдии назми тасаввуфӣ” дар заминаи проблемаи таъсиргузорӣ ва таъсирпазирӣ, нуфузи ашъори Ҳаким Саноӣ ба эҷодиёти муосирон ва мутааххирин таҳқиқ карда мешавад. Дар ин бахш натанҳо ба эҷодиёти шуарои мутасаввифу ориф таъсир кардааст, балки ба тамоми эҷодкорони минбаъда низ таъсири фаровон гузоштааст. Ин таъсирпазирӣ ҳатто марзҳои миллиро убур намуда, ба адабиёти олам низ басо фаровон ба мушоҳида мерасад.

Солеҳов Мирзо дар интиҳои таҳқиқоти хеш ба натиҷагириҳои мушаххас омада, аз ҷумла менависад:

- Тасаввуф ҳамчун ҷараёни мафкуравӣ шомили мабоҳиси таҳаввули рӯҳонии инсон ва шакли нави худшиносию таҷдиди назар ба маънавиёт аст, ки шинохти он ба камолоти маънавии ҷомеа ва сатҳи тафаккури миллӣ таъсири мусбат мерасонад.
- Таъсири тасаввуф ба адабиёт, зуҳури шуарои сӯфию ориф ва ташаккули адабиёти тасаввуфӣ дар таърихи адабиёти тоҷику форс марҳалаи нави эҷодро асос гузошта, боиси равнақи бемисли адабиёт ва таҳаввули он аз назари мазмуну мундариҷа ва ҳунари офариниш гардидааст. Зуҳуроти мазкур, бахусус, фалсафаи амалии адабиётро таҳкиму тақвияти бунёдӣ эҳдо кард ва муассирии каломи ҳунариро иртифои хос бахшид.
- Пардапӯшона баён кардани аҳдоф ва ҷанбаи мармузу муканно касб кардани мақсад яке аз рисолатҳои баҷоовардаи адабиёти сӯфия аст, ки пешгоми он Ҳаким Саноӣ мебошад.

Таҳқиқоти Мирзо Солеҳов дар мавзӯи “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишорфи назми тасаввуфии тоҷикӣ-форсӣ” аз нигоҳи илми соҳа ҳаматарафа арзанда буда, рисола дар сатҳи зарурии корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст. Ин ҳам мусаллам аст, ки мавзӯи номбурда бори аввал дар шакли таҳқиқоти ҷудогона ба анҷом расидааст.

Дар рисолаи мазкур баъзе нуқсону камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки рафъи онҳо ва мушаххас намудани ҳақиқати илмӣ, албатта, бар нафъи кор хоҳад буд. Аз он ҷумла:

1. Миёни ҳикоёту ривоёте, ки оид ба инқилоби фикрии Саноии Ғазнавӣ дар боби дуюми рисола, дар зерфасли “Инқилоби фикрӣ ва таъсири он дар шеъри Саноӣ” оварда мешавад, мушаххас нашудааст, ки муҳаққиқ кадоме аз онҳоро саҳеҳ мешуморад.

2. Ибораи ҳамосаи ирфонӣ дар илми соҳа тозатаълиф буда, моҳияти он дуруст кушода нашудааст ва хуб мебуд, ки аз ҷониби кӣ ва дар кадомин асари тасаввуфӣ кор гирифтани он мушаххас карда шавад.

3. Муҳаққиқ вараъро марҳалаи оғозини зуҳд медонад, ки ба назари мо, саҳеҳ нест, зеро пеш аз вараъ – яқзо (бедорӣ) таъкид мешавад ва вараъ пас аз он сурат мегирад.

4. Дар оғози бобҳову фаслҳо ба ҳайси эпиграф шеърҳо оварда шудаанд, ки баъзе аз онҳо аз худи Ҳаким Саноӣ нест. Хуб мебуд, ки гӯяндаи он зикр карда шавад, то хонанда ба ғалат роҳ надиҳад.

5. Дар таҳқиқот баъзан ғалатҳои имлоӣ (саҳ.18, 21, 38, 43, 58, 74 ва ғайра) ва китобатӣ (саҳ. 20, 33, 41, 53, 78, 123 ва ғайра) роҳ ёфтаанд, ки хуб мешавад, то нашри оммавии рисола ислоҳ карда шаванд.

Бояд гуфт, ки нуқсонҳои фавқуззикр арзиши илмии таҳқиқотро халалдор карда наметавонанд. Диссертатсияи Солеҳов М.О. кори илмии комилан анҷомёфта буда, дар сатҳи зарурии ҷавобгӯ ба талаботи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таълиф шудааст.

Диссертатсияи Солеҳов М.О. “Саноии Ғазнавӣ ва марҳалаҳои асосии инкишофи назми тасаввуфии форс-тоҷик” таҳқиқоти пурра анҷомёфта буда,

ба талаботи КОА Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ ва муаллифи рисола барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик сазовор аст.


**Муқарризи расмӣ**:
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон оид ба масъалаҳои
иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа,
академики Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои
филологӣ, профессор Абдуҷаббор Раҳмонзода

Суроға: 734023, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 80
Тел.: 2216500; 2212518
E-mail: rahmonov_a@mail.ru


Имзои А. Раҳмонзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои
Дастгоҳи иҷроияи Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон И. Пирназарзода

ДАСТГОҲИ ИҶРОИЯИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * РАЁСАТИ КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ

"____" ___________ 2020 с.